# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-й назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи диссертатсионии №___
Қарори шурои диссертатсионӣ аз
5-уми майи соли 2026, №121

Барои сазовор донистани Исмонализода Сайвали Исмонали, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсияи Исмонализода Сайвали Исмонали дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои ӯҳдадорӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи мадани; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар таърихи 24 феврали соли 2026, суратмаҷлиси №109 аз ҷониби шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, маҳаллаи Буни Ҳисорак, толори шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, № 16/шд) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Исмонализода Сайвали Исмонали 23-уми октябри соли 1992 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Мавсуф соли 2010 ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, Донишгоҳи мазкурро соли 2015 аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшинос бо муваффақият хатм намудааст.

Моҳи сентябри соли 2015 ба ҳайси ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба фаъолияти меҳнатӣ шурӯъ намуда, то ин ҷониб дар кафедраи мазкур фаъолият намуда истодааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 4-уми январи соли 2017, №01-05 ба ҳайси унвонҷуи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардидааст.

Мавзуи рисолаи номзади Исмонализода Сайвали Исмонали ба сифати унвонҷуи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 18-уми ноябри соли 2017, суратмаҷлиси №7 зери роҳбари номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Давлатмандзода

Эраҷ Давлатманд дар мавзуи «Масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ» дар ҷаласаи шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии тасдиқ гардидааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ санаи 17 марти 2025, №25 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи мазкур дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон санаи 24 январи соли 2026 №7 муҳокима ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Давлатмандзода Эраҷ Давлатманд - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

**Муқарризони расмӣ:** Аминова Фарида Маҳмадаминовна – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон.

Самадзода Бахтиёр Одилҷон – доктори илмҳои ҳуқуқшинсӣ, дотсент мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

**Муассисаи пешбар:** Муассисаи таълимии «Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон» (ш. Душанбе).

Дар хулосаи мусбати муассисаи пешбар, ки аз ҷониби ташхисгар Бобозода Ҷамрод Қурбон доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии муассисаи таълимии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ихтисос: 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ) омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ Табаров Неъмон Амонович номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии муассисаи таълимии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва котиби ҷаласа номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ ва молиявии муассисаи таълимии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Оралбоев Ҳамза Ҳайдарович имзо ва аз ҷониби ректори муассисаи таълимии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Сатторзода Бобоҷон Абдуҷаббор санаи 11-уми апрели соли 2026 тасдиқ шудааст, қайд гардидааст, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад.

Диссертатсия мустақилона аз ҷониби муаллиф таҳия шуда, мазмуни ягонаи дохилӣ ва мантиқӣ дорад. Навгониҳои таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, таҳлили илмии қонунгузорӣ, пешниҳоди хулосаҳои илмӣ

ва тавсияҳои амалӣ, пешниҳоди маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмии байналмилалию ҷумҳуриявӣ аз саҳми шахсии муаллиф шаҳодат медиҳанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Исмонализода Сайвали Исмонали оид ба мавзуи диссертатсия 17 интишороти илмӣ, аз ҷумла 6 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонидааст. Интишороти довталаби дараҷаи илмӣ Исмонализода Сайвали Исмонали нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои баррасишаванда ва тавсиядодаи Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

[1–М] Сангов С.И. Неустойка как способ обеспечения исполнения обязательств [Текст] / С.И. Исмонализода // Вестник ТНУ. – 2018. – №10. – С. 233-239; ISSN 2413-5151.

[2–М] Сангов С.И. Баъзе аз масъалаҳои байъона дар конунгузории граждании Ҷумхурии Точикистон [Матн] / С.И. Исмонализода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. – №06. – С. 208-213. ISSN 2413-5151.

[3–М] Исмонализода С.И. Мафҳумва моҳияти нигоҳ доштан [Матн] / С.И. Исмонализода // Қонунгузорӣ. – 2021. – №2, (42). – 2021. – С. 47-51; SSN 2410-2903.

[4–М] Исмонализода С.И. Мафҳум ва табиаби ҳуқуқии нигоҳ доштани молу мулки қарздор [Матн] / С.И. Исмонализода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2025.– №2 (38). – С. 209-218; ISSN 2414-9217.

[5–М] Исмонализода С.И. Танзими ҳуқуқии кафолати бонкӣ [Матн] / С.И. Исмонализода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. 2025. – №4 (52). – С. 109-119. ISSN 2307-5198.

[6–М] Давлатмандзода Э.Д. Исмонализода С.И. Таносуби тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ ва тарзҳои (воситаҳои) ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ [Матн] / Э.Д. Давлатмандзода, С.И. Исмонализода // Қонунгузорӣ. – 2025. – № 4 (60). – С. 101-109; ISSN 2410-2903.

**II. Мақолаҳои илмӣ, ки дар нашрияҳои дигари илмӣ чоп шудаанд:**

[7–М] Сангов С.И. Байъона яке аз тарзҳои таъмини ичрои уҳдадории гражданӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Точикистон [Матн]/ С.И. Исмонализода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Рушди қонунгузории соҳибкорӣ, тичоратӣ ва сайёҳӣ дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (18-уми майи соли 2018). – Душанбе, 2018. – С. 190-195.

[8–М] Сангов С.И. Гарави амволи андозсупоранда яке аз тарзҳои таъмини иҷрои ӯҳдадории андоз [Матн] / С.И. Исмонализода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Рушди қонунгузории соҳибкорӣ, тичоратӣ ва сайёҳӣ дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» (18-уми майи соли 2018). – Душанбе, 2018. – С. 282-288.

[9–М] Сангов С.И. Гарав ҳамчун тарзи таъмини иҷрои ухдадорӣ [Матн] / С.И. Исмонализода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2019. – №2 (14). – С. 113-119. ISSN 2414-9217.

[10–М] Сангов С.И. Нуқтаҳои назари асосӣ оид ба мафҳуми тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадори [Матн] / С.И. Исмонализода // Маводи конференсияи байналмилалии илми-назарияви дар мавзуи: «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии милли: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиноси» бахшида ба «25 - солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Точикистон» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». – Душанбе, 2019. – С. 348-351.

[11–М] Исмонализода С.И. Мафҳум ва моҳияти кафолати бонкӣ [Матн] / С.И. Исмонализода // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. –2020. – №4 (20). – С. 149-154. ISSN 2414-9217.

[12–М] Исмонализода С.И. Мафҳум ва моҳияти таъмини иҷрои уҳдадорӣ [Матн] / С.И. Исмонализода // Масъалаҳои мубрами қонунгузорӣ оид ба рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ аз 8 - уми октябри соли 2020) / Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессорон Раҳмон Д.С. ва Сангинов Д.Ш. – Душанбе, 2020. – С. 70-77.

[13–М] Исмонализода С.И. «Кафолати бонкӣ ҳамчун усули таъмини иҷрои уҳдадорӣ [Матн] / С.И. Исмонализода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бахшида ба “75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон”, “115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров”, “Соли 2023 – Соли забони русӣ” ва “Соли 2025 – Соли байналмиллалии ҳифзи пиряхҳо”. – Душанбе, 2023. – С. 147-159.

[14–М] Исмонализода С.И. Таносуби тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ бо воситаҳои ҳимояи ҳуқуқҳои мадании [Матн] / С.И. Исмонализода // Маводи конференсияи илмӣ назариявии профессорону омузгорони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва эълон гардидани соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ»). – Душанбе, 2024. – С. 129-139.

[15–М] Исмонализода С.И. Оид ба баъзе масъалаҳои табиати ҳуқуқии кафолатҳои бонки [Матн] / С.И. Исмонализода // Маводи конференсияи умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «30-юмин солгарди қабули конститутсияи Ҷумҳурии Точиқичтон», «Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024» ва «Бистсолаи омузиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)». – Душанбе, – 2024. – С. 208-215.

[16–М] Исмонализода С.И. Поручительство в гражданское законодательство республики Таджикистан. [Текст] / С.И. Исмонализода // Маводҳои конференсияи байналмиллалии илмӣ - назариявӣ бахшида ба 100 - солагии Виктор Аркадевич Ойгензихт «Танзими ҳуқуқии сайёҳӣ ва сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор узви пайвастаи АМТ Тоҷикистон Раҳимзода М.З., номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шонасриддинов Н. – Душанбе: Матбааи ДМТ, – С. 152-157.

[17–М] Исмонализода С.И. «Оид ба баъзе масъалаҳои гарав ҳамчун тарзи таъмини иҷрои уҳдадорӣ [Матн] / С.И. Исмонализода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ–назариявӣ дар мавзуи «масоили ҳуқуқии танзими зеҳни сунъӣ дар шароити иқтисоди рақамӣ ва нақши он ба рушди соҳибкорӣ» дар ҳошияи қабули қатъномаи маҷмаи умумии СММ “нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар осиёи марказӣ” аз 25 июли соли 2025 бо ибтикори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълони солҳои 2025–2030 “солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия” 24-уми октябри соли 2025./ Зери таҳрири профессор Мирзозода П.З., дотсент Давлатмандзода Э.Д. – Душанбе, 2025. – С. 225-231.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

– **Давлатзода Комрон Давлат** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сармутахассиси Раёсати ҳуқуқи дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе.

– **Меликов Умрилло Асадуллоевич** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи факултети ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

– **Маҳмадшозода Фарҳод Абдураҳмон** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент сардори раёсати робитаҳои хориҷӣ, байнипарламентӣ, ташрифотӣ ва ташкили кори Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эроду тавсияҳои хусусияти мубоҳисавидошта пешниҳод шудаанд. Асосан, эродҳо масъалаҳои мубоҳисавии диссертатсия, аз ҷумла муаллиф дар таҳқиқот ноустуворона таҳлил ва низомбандӣ намудааст. Ба андешаи мо барои таҳлили мушаххаси намудҳои ноустуворона хуб мешуд, ки боби алоҳида ҷудо карда мешуд. Зеро ноустуворона доираи васеъ ва муҳимтарини тарзҳои истифодашандаи таъмини иҷрои уҳдадориҳо дар ҳуқуқи маданӣ дар бар мегирад, ки таснифбандии онҳо муҳим арзёбӣ мегардад. Ҳарчанд, ки дар дохили зербоби якуми боби дуюм масъалаи мазкур ба тариқи умумӣ матраҳ гардида бошад ҳам ба тарзи мушаххас мушкилот, таснифот ва гуногунфаҳмии онро фаро нагирифтааст, ки мазмуни корро коста намегардонанд.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо дарназардошти муқаррароти банди 62 Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 70 ва 74 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаҳои гуногуни кори илмии анҷомдодашуда, алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

– **коркард карда шуд:** Масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ аз нуқтаи назари илмӣ бори аввал ба шакли маҷмуӣ дар доираи диссертатсияи номзадӣ таҳлилу баррасӣ карда шудааст;

– **пешниҳод шудааст:** Мафҳум ва хусусиятҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ, таносуби тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ ва тарзҳои (воситаҳои) ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ, мафҳум ва табиати ҳуқуқии ноустуворона, намуд ва табиати ҳуқуқии он, ҳолати ҳуқуқии замонат ба ҳайси навъи ҷудогонаи усулҳои кафолатдиҳии иҷрои уҳдадориҳо, кафолати бонкӣ, вазъи ҳуқуқии гарав ҳамчун намуди алоҳидаи тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ, байъона, нигаҳдории амволи қарздор аз дидгоҳи илмӣ-назариявӣ ва ҳуқуқи маданӣ, инчунин унсурҳои ҳимоя ва танзими умумӣ ва хусусӣ дар Тоҷикистон пешниҳод карда шудааст;

– **исбот шудааст:** дар таҳқиқоти илмӣ хусусиятҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ, таснифи тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ, уҳдадориҳои шартномавӣ ва ғайришартномавӣ, муайян намудани моҳияти иҷрои уҳдадориҳо, субъектони таъмини иҷрои уҳдадорӣ дар муносибатҳои бонкӣ исбот шудааст;

– **Ҷорӣ намудани:** меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии танзимкунандаи самти мазкур, таъмини ҳуқуқии тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ ва тарзҳои (воситаҳои) ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ, ҷорӣ ва амали намудани иҷрои уҳдадориҳо аз ҷониби тарафҳо ва ғайра.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ҷиҳати дарки таъмини иҷрои уҳдадорӣ, такмили заминаҳои меъёрии падидаи мазкур, дар он зуҳур мегардад, ки рисола сарчашмаҳои муосири илмии вобаста ба ҳуқуқҳои иқтисодиро мукаммал гардонида, барои инкишофи танзими ҳуқуқии муносибатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди таъминоти иқтисодиву иҷтимоӣ аз ҷониби давлат замина фароҳам меоварад. Инчунин, натиҷаҳои он метавонад дар ҳалли як қатор масъалаҳои назариявӣ ва амалии вобаста ба масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ пайдошуда ва дар раванди такмили қонунгузории соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ ба кор бурда шаванд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта,** натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажуҳишҳои назарӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни танзими масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илми ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва рушди конунгузорӣ дар ин самт асос меёбад.

– **баён шудани** падидаи таъмини иҷрои уҳдадорӣ барои ҳавасмандгардонии қарздор ҷиҳати иҷрои матлуби уҳдадории худ оид ба уҳдадории асосӣ таъин гардида, дар сурати аз ҷониби ӯ иҷро накардани уҳдадориҳои худ – ҳамчун воситаи қонеъгардонии манфиатҳои кредитор хизмат мекунад. Таъмини иҷрои уҳдадорӣ бо ин ё он усул уҳдадории иловагии таъминкунандаро байни кредитор ва қарздор ба миён меорад. Инчунин гузаронидани таҳлили ҳамаҷонибаи масъалаҳои ҳуқуқии таъмини иҷрои уҳдадорӣ ва низомнок кардани тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ ва тарзҳои (воситаҳои) ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ, ошкор кардани хусусиятҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ, омӯзиши асосҳои қонунгузорӣ, ки муносибатҳо оид ба таъмини иҷрои уҳдадориро танзим мекунанд ва ошкор кардани камбудиҳои эҳтимолӣ дар пойгоҳи меъёрӣ, таҳқиқи ҷанбаҳои ҳуқуқи молумулкӣ, ки ба таъмини иҷрои уҳдадорӣ дахл доранд, муайян кардани уҳдадориҳое, ки дар робита ба соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ ба миён меоянд, инчунин механизмҳои иҷрои онҳо, баррасии кафолатҳои ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқ ва

манфиатҳои иштирокчиёни муносибатҳо вобаста ба таъмини иҷрои уҳдадорӣ, таҳияи пешниҳодҳо ва тавсияҳо оид ба такмили қонунгузорӣ дар ин соҳа;

**– ошкор гардидани** мафҳуми уҳдадорӣ ва хусусиятҳои асосии он, ҳудуди ҳифзи ҳуқуқҳои маданӣ, тадбирҳои таъминнамоӣ, тарзҳои ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои иштирокчиёни муносибатҳо оид ба уҳдадорӣ, намудҳои ноустуворона ва табиати ҳуқуқии он;

**– омухта шуданд:** пайдоиш, шаклгирӣ ва ташаккули таъмини иҷрои уҳдадорӣ, мафҳуми замонат, марҳилаи рушди асосҳои ҳуқуқии таъмини *иҷрои уҳдадорӣ, низомбандии* намудҳои алоҳидаи тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадорӣ, уҳдадорӣ оид ба баркаророрсози ва ҷубронӣ, уҳдадориҳои шартномавӣ, тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳо ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонуни иштирокчиёни муносибатҳои уҳдадори аз ҷониби мақомотҳои давлатӣ;

**– аз нав такмил додани** Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки:** натиҷаҳои он метавонад дар раванди такмили қонунгузории маданӣ ва қонунгузорӣ дар самти таъмини иҷрои уҳдадорӣ ва дигар ҷанбаҳои фаъолияти иқтисодӣ ба таври васеъ корбурд шавад.

**– муайян карда шуданд**, ки тарзҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳо хислати муҷозотӣ надошта бошанд ҳам, вале онҳо метавонанд мустақиман ё ғайримустақим барои қарздор мушкилоти изофӣ эҷод кунанд.

**– офарида шуд:** мафҳуми замонат – ҳамчун воситаи таъмини иҷрои уҳдадорӣ, уҳдадории иловагӣ аст, ки байни кредитор ва зомин дар шакли хаттӣ баста шуда, дар ҳолати вайрон гардидани уҳдадорӣ мувофиқи шартномаи асосӣ аз ҷониби қарздор таъмини иҷрои уҳдадории мазкур ба ҳолати фаъол ба зомин ҳамчун қарздори изофӣ мегузарад, охирин дар ҳаҷми муқарраркардаи шартномаи замонат пурра ё қисман масъул мегардад.

**– муаррифӣ карда шуд:** Ташаккули қонунгузории иҷрои уҳдадорӣ, ки боиси ба вуҷуд омадани андешаҳои илмӣ мегардад ва дар ин масъала моҳияти консепсияи назариявиро ифода мекунад, онҳоро метавон баррасӣ кард. Даврабандии танзими ҳуқуқии асосҳои таъмини иҷрои уҳдадориро метавон ба се марҳилаи рушд ҷудо намуд:

1) давраи якум, то соли 1999, яъне то қабул гардидани КГ ҶТ дар даврони соҳибистиқлолӣ;

2) давраи дуюм, аз соли 1999 то соли 2023, яъне давраи қабул ва амали қисмҳои 1, 2 ва 3 КГ ҶТ;

3) давраи сеюм, давраи рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ин самт дар заминаи қабул ва мавриди амал қарор гирифтани КМ ҶТ. Дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ проблемаҳои амалишавии таъмини иҷрои уҳдадорӣ баррасӣ гардидааст. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогири солҳои 2018-2023 мебошад.

– **Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки** натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо, инчунин тавсияҳои амалие, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баён шудаанд, ба сарчашмаҳои қонунгузорӣ ва амалияи судӣ ва мақомоти давлатию ҳифзи ҳуқуқ асос ёфта, онҳо дар заминаи маълумоти гуногуни оморӣ, ҷамъбасти амалияи мақомотҳои давлатӣ ва таҳлили маводди илмию меъёрӣ ба даст оварда шудаанд.

– **барои корҳои таҷрибавӣ:** Пешниҳод мешавад, ки азбаски пардохти ноустуворона барои вайрон кардани уҳдадориҳои шартномавӣ на танҳо дар қонунҳо, балки дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ пешбинӣ шудааст, мо мувофиқи мақсад медонем, ки дар қ. 1 м. 381 ва м. 383 КМ ҶТ ибораи «ноустуворонаи қонунӣ» ба ибораи «ноустуворонаи меъёрӣ» иваз карда шавад.

– **ғоя асоснок шудааст:** дар қонунгузорӣ маҳакҳои мансубияти молу мулк ба манқул ва ғайриманқул истифода карда шавад, зеро маҳакҳои мазкур имкон медиҳанд, ки дилхоҳ молу мулки ба талаботи ин маҳакҳо ҷавобгу, ҳамчунин ин ё он объекте, ки дар оянда ба вуҷуд меояд, бе ягон мушкилӣ тавассути маҳакҳои дар қонунгузорӣ муқарраргардида реҷаи ҳуқуқии он (яъне манқул ё ғайриманқул будани он) муайян карда шавад.

– **муайян шудаанд**: Ба мақсад мувофиқ аст, ки дар таҳрири нави КМ ҶТ ҷумлаи аввали қ. 1, м. 422 дар шакли зерин муқаррар карда шавад: «Ба зомини уҳдадориашро иҷронамуда ҳуқуқи кредитор оид ба уҳдадории бо замонат таъминшуда ва ҳуқуқи кредитор ҳамчун гаравгиранда дар он ҳаҷме, ки зомин талаботи кредиторро қонеъ намудааст мегузарад»

– **истифода карда шуданд:** Конститутсияи ҶТ, Кодекси мадании ҶТ, Қонуни ҶТ "Дар бораи гарави молу мулки манқул ва бақайдгирии уҳдадориҳои таъминшуда", Қонуни ҶТ "Дар бораи ипотека", Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии амволи ғайриманқул ва ҳуқуқ ба он», Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 бо фармони Президенти ҶТ аз 6 феврали соли 2018, № 1005, амалияи судӣ, инчунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии соҳавӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** ба сатҳи навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсия, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ оид ба масъалаҳои ҳуқуқии

таъмини иҷрои уҳдадорӣ дар марҳилаҳои гуногун асоснок карда мешавад. Ҳамзамон, масъалагузорӣ ва услуби таҳияи матни диссертатсия саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионӣ аз 5 майи соли 2026 қарор қабул карда шуд, ки ба Исмонализода Сайвали Исмонали дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07 январи соли 2022, таҳти №16/шд тасдиқ гардидааст, 16 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон доктори илм ва 1 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 16 нафар аъзои Шуро 13 нафар ба таври ҳузурӣ ва 3 нафар ба таври маҷозӣ иштирокдошта, 16 нафар овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ 16 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Азиззода У.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Қодиров Н.А.

5-уми майи соли 2026